# ХУЛОСАИ

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи: «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ.

Комиссияи ташхисии назди Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар ҳайати раиси комиссия Н.Д. Маҳмадизода - доктори илмҳои фалсафа, профессор; аъзоён Н.Қ. Амонов - номзади илмҳои психологӣ, дотсент ва Н.М. Раҷабов - номзади илмҳои фалсафа, дотсент оид ба қабул намудани диссертатсияи номзадии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи: «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Дар замони муосир омӯзиши масъалаи гуманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ дар ҳаёт ва фаъолияти одамон дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла мамлакати мо ба яке аз мавзуъҳои мубрам табдил ёфтааст, ки яке вазифаи аввалиндараҷаи кори таҳқиқотии мо ба шумор меравад. Масъалаи гуманизатсия дар илмҳои психология ва педагогика мавзуи нав нест, вале муҳиммияти он ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад ва мубрамияташ торафт назаррас мегардад. Бар замми ин, бо баробари васеъшавии доираи муносибату муошират, тақвият ёфтани пешрафти илмӣ-техникӣ ва технологияҳои навин, афзудани талаботу мушкилоти ҳаётӣ ба ҳар як одам ва умуман ҷомеа лозим меояд, ки ҳамон қадар мақсадноку самарабахш ба раванди торафт мураккабшудаистодаи ҳаёт мутобиқ шуда, дар таъмини пешрафти ҷомеаи муосир саҳми арзишманд гузорад. Такмил додани инсонгароии ҳамкориҳои байнишахсӣ дар навбати худ, ба рушди босуботи одам, боз ҳам маҳсулноку басифат шудани фаъолиятҳои гуногун, раванди таълиму тарбия ва махсусан ташаккули ҳамаҷонибаи шахсияти наврасон таъсири амиқ мерасонад.

Албатта, ҳаёти наврасии муосирро бидуни азсаргузарониҳои рӯҳии пурталотум, азнавсозии организм, ки ба раванди инсонгароии таъсири мутақобилаи ӯ зич алоқаманд аст, тасаввур кардан имконнопазир мебошад, аммо самаранокии раванди хештансозии ӯро таъмин намудан зарур аст. Яке аз ин механизмҳои психологӣ ин гунманизатсияи муносибатҳои байнишахсӣ мебошад, ки барои инкишофи шахсият ва хештансозӣ дар давраи наврасӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Мавриди қайд аст, ки масъалаи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсии наврасон дар низоми таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон то ҳол аниқ омӯхта нашудааст ва консепсияҳои раванди таълим, ки ба ташаккули наврас мусоидати фаъол мекунад, то ҳанӯз интихоб карда нашудаанд.

Хулоса, доираи масоили зикргардида мубрамияти мавзуи диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломовичро собит месозанд.

***Дар асоси омӯзиш ва таҳлили диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович комиссияи ташхисӣ чунин хулоса мекунад:***

1. Диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» тибқи талаботи бандҳои 32-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажуҳиши ҳамаҷонибаи психологияи муосирро дар самти таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ фаро мегирад.
2. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар фаъолияти институтҳои шахсиятсозӣ, ба роҳ мондани корҳои таблиғотӣ ва маърифатӣ дар байни аҳолии кишвар дар самти тобиши гуманистӣ бахшидан ба муносибатҳои иҷтимоӣ, раванди таълиму тарбияи наслҳои наврасу ҷавон дар муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ метавон истифода кард.
3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ (илмҳои психологӣ), ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-066 назди Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон аз 15-уми июли соли 2024, №223 хуқуки қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.
4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 22 номгӯи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф дар теъдоди 8 адад дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии

таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (дотсентӣ, профессорӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.
6. Рисола ба талаботи банди 31-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.
7. Таҳқиқоти диссертатсионии Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии тахкиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ мувофиқанд.

***Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61 Низомномаи “Шурои диссертатсионӣ”-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли 2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:***

1. Дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба, махсусан мазмуну мундариҷа ва мақсади таҳқиқот ҳайати комиссияи ташхисӣ ба хулоса омад, ки номи мавзуи диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович ҷузъан тағйир дода шавад, яъне таҳти унвони «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» муайян карда шавад.
2. Диссертатсияи Исмоилов Шокирҷон Ғуломович дар мавзуи «Таҳқиқи гуманизатсияи иҷтимоию психологии муносибатҳои байнишахсӣ дар синни наврасӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз ихтисоси ихтисоси 19.00.05 – психологияи иҷтимоӣ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-066 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

3. Ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1). **Назаров Акмал Мардонович** - доктори илмҳои психологӣ, профессори кафедраи психология ва сотсиологияи Донишгоҳи давлатии Бухоро;

2). **Абдурашитов Наимжон Фозилович** - номзади илмҳои психологӣ, мудири шуъбаи инноватсия ва психологияи таҳсилоти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

3). **Ба ҳайси муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тавсия карда мешавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимоя, ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар ҳаҷми 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои психологӣ, дотсент Амонов Н.Қ.
номзади илмҳои фалсафа, дотсент Раҷабов Н.Х.

*"Имзои Маҳмадизода Н.Д.,*
*Амонов Н.Қ. ва Раҷабов Н.Х. –ро тасдиқ менамоям.*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Э.Ш.Тавқиев

"17" 12 соли 2024